*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017–и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, (суроғаи 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ 44)*

# ТАҚРИЗ

**Муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Давлатов Бахтовар Шамсуллоевич мавзуи “Такмили инструментҳои иттилоотиву таҳлилии идоракунии нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати дисертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ таҳқиқот ва самтҳои илм.**

Диссертатсияи Давлатов Б.Ш. дар мавзӯи «Такмили инструментҳои иттилоотиву таҳлилии идоракунии нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017 –и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод шудааст, дар доираи Шиносномаи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мутобиқ ба бандҳои: 10.7. Таъминоти иттилоотии системаи идоракунии оммавӣ. «демократияи электронӣ», «давлати электронӣ», «ҳукумати электронӣ» ва технологияҳои маъмуригардонии электронӣ; 10.8. Идоракунии системаҳои иқтисодӣ, усул(принсипҳо), шаклҳо ва методҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати системаи иқтисодӣ. Идоракунии тағйирот дар системаҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; 10.15. Менеҷменти стратегӣ, методҳо ва шаклҳои амалисозии он. Муҳити дохилӣ ва берунии ташкилот. Раванд ва методҳои коркард ва татбиқи

стратегия. Инкишофи шаклҳои стратегии ҳамшарикӣ. Муҳтаво ва методҳои назорати стратегӣ. Стратегияҳои корпоративӣ, муносибсозии андозаи ширкат ва ҳамгироии амудӣ, стратегияҳои гуногунсозӣ (диверсификатсия) мувофиқ мебошанд.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Дар ҳақиқат, идоракунии нақлиёти ҳавоӣ дар ҷаҳони муосир муҳим ва мубрам боқӣ мемонад. Нақлиёти хавоӣ дар таъмини алоқаи байни кишварҳо, таъмини зуд ва самаранок кашонидани бор ва мусофир нақши калидӣ дорад. Дар ин бахш инчунин тағирот ва навовариҳои доимӣ, аз қабили ҷорӣ намудани ҳавопаймоҳои самараноктар ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав барои баланд бардоштани бехатарӣ ва самаранокии парвозҳо дучор меоянд.

Бо вуҷуди ин, инчунин мушкилотҳо вуҷуд доранд, ба монанди зарурати риояи меъерҳои қатъии бехатарӣ, кам кардани таъсир ба муҳити зист ва дарёфти роҳҳои ҳалли бештар устувор ва аз ҷиҳати экологӣ тоза. Ҳамчунин, бо назардошти рӯйдодҳои ҷаҳонӣ, нақлиёти ҳавоӣ ба тағирот ва мутобиқшавӣ барои қонеъ кардани воқеият ва талаботи нав дучор гардид.

Такмили инструментҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ дар идоракунии нақлиёти ҳавоӣ дар баланд бардоштани самаранокӣ ва бехатарии нақлиёти ҳавоӣ нақши муҳим мебозад. Инҳоянд чанд ҷанбаҳое, ки метавонанд ба чунин такмилҳо дохил шаванд: системаҳои идоракунии ҳаракати ҳавоӣ; автоматизатсия ва оптимизатсияи равандҳо, татбиқи технологияҳо, аз қабили системаҳои автоматикунонии идоракунии ҳаракати ҳавоӣ метавонад дақиқ ва самаранокии идоракунии фазои ҳавоиро беҳтар гардонад; истифодаи маълумот дар вақти воқеӣ барои назорат ва мутобиқшавӣ ба тағйирот дар анбӯҳи нақлиетӣ; истифодаи инструментҳои таҳлилӣ (зеҳни сунъӣ) барои пешгӯии ҳаракати нақлиёт, оптимизатсияи хатсайрҳо ва пешгирии таъхирҳо; технологияҳои

коммуникатсионӣ; такмил додани системаҳои алоқа бо мақсади таъмин намудани мубодилаи боэътимод ва зудтари ахборот байни ҳавопаймоҳо ва марказҳои идоракунӣ; ҷорӣ намудани технологияе, ки ба кам кардани сарфи сӯзишворӣ ва партовҳо ба атмосфера нигаронида шудааст; муттаҳид кардани маълумот дар бораи обу ҳаво, шароити аэропортҳо, ҳолати техникии ҳавопаймо ва омилҳои дигар барои таҳлили ҳамаҷонибаи вазъият.

Ин технологияҳо ва равишҳо барои парвозҳои ҳавоиро бехатартар, самараноктар ва аз ҷиҳати экологӣ устувортар кардан, кӯмаки зиёд мекунанд. Бо вуҷуди ин, ҷорӣ намудани технологияҳои нав инчунин ҳалли масъалаҳои гуногуни техникӣ, меъёрӣ ва бехатариро талаб мекунад. Такмили инструментҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ дар идоракунии нақлиёти ҳавоӣ муносибати ҳамаҷониба, аз ҷумла ҳамкории байни соҳа, муассисаҳои давлатӣ ва муассисаҳои тадқиқотиро талаб мекунад. Ҳадафи он баланд бардоштани бехатарӣ, самаранокӣ ва устувории экологии парвозҳои ҳавоӣ мебошад.

Дар диссертатсияи номзадии Давлатов Б.Ш. проблемаҳои зиёди рушди нақлиёти ҳавоӣ инъикос ёфта, равишҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши нақлиёти ҳавоӣ дар шароити муосир асоснок карда шудаанд, нақлиёти ҳавоӣ ва рушди он аз нуқтаи назари равиши макроиқтисодӣ баррасӣ гардида, афзалият ба муносибати комплексӣ оид ба ташаккули системаи стратегии идоракунии нақлиёт тавассути истифодаи инструментҳои муосири таҳлили стратегӣ ва пешгӯии талабот ба ҳаракати ҳавоӣ. Хамаи ин масъалаҳо мавзӯъи интихобкардаи таҳқикоти илмиро асоснок ва тасдиқ мекунанд.

**Дараҷаи эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия баёнгардида.**

Эътимоднокии натиҷаҳо ва асоснокии муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳо аз рӯи пайдарпайии мантиқии пешниҳоди умумӣ, хулосаҳои

дар чараёни таҳқиқот бадастомада, мувофиқ будани усул ва равишҳо барои ҳалли ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда асоснок карда шудааст.

Асоснок будани натичаҳои ба даст овардаи муаллиф аз он иборат аст, ки онҳо ба таҳқиқоти олимону мутахассисони хоричӣ ва ватанӣ дар сохаи идоракунии наклиёти хавоӣ, сифат ва вусъати хизматрасонии нақлиёти хавоӣ, ташкили ҳамлу нақли хавоӣ, таҳия ва такмили таъминоти иттилоотӣ ва таҳлилии идоракунии соҳа асос ёфтаанд. Асоснокӣ аз инҳо иборат аст:

- истифодаи мушаххаси равишҳо ва усулҳои асосии комплексии таҳқиқоти илмӣ, аз қабили таҳлилҳои индексӣ ва монографӣ, усулҳои абстраксияи илмӣ, коррелятсионӣ-регрессионӣ, таҳлилҳои системавӣ, эконометрикӣ, усулҳои таҷрибавӣ ва иқтисодӣ-риезӣ ва ғ.:

-дар рафти таҳқиқот муаллиф аз маълумоти расмии оморӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ ва идораҳои танзимкунандаи фаъолияти муассисаҳои нақлиётӣ, маводи иттилоотии ширкатҳои ҳавопаймоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натичаҳои семинару конфронсҳои илмӣ ва ғайра ба таври васеъ истифода мебарад;

- дар кор аз асарҳои бунёдии олимони ватанӣ ва хоричӣ дар соҳаи назария ва амалияи такмили инструментҳои иттилоотӣ-таҳлилии идоракунии нақлиёти ҳавоӣ, рақобатпазирии он ҳам дар сатҳи дохилӣ ва ҳам байналмилалӣ истифода мешавад;

- натичаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмии чумҳуриявӣ ва байналмилалӣ санчида шуда, натичаҳо ва хулосаҳои бадастоварда дар 10 мақолаи илмӣ, аз чумла 4 мақола дар мачаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалии тадқиқот**

Дар диссертатсияи номзадии Давлатов Б.Ш. натичаҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд, ки дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти амалӣ мебошанд, аз чумла:

- муаллиф муқарраротеро пешниҳод кардааст, ки нақлиёти ҳавоиро ҳамчун система ва объекти идоракунӣ тавсиф намуда, хусусиятҳои онро муайян кардааст: а) он дорои сифати байнисоҳавӣ мебошад, зеро ба ҳолати умумии истеҳсолоти моддӣ, ҳаёти маданию маишии ҷамъият таъсир мерасонад; б) дар ин система аксарияти воситаҳои истеҳсолот ноустуворанд, яъне ҳаракаткунанда буда, раванди кашонидани бор ва мусовфирон дорои энергияталаб мебошад, ки идоракунии раванди истеҳсолиро мураккаб месозад; в) воситахои аз чихати фазоӣ паҳншудаи истеҳсолоти нақлиётӣ бо хамдигар амал мекунанд, нақлиёт яке аз соҳаҳое мебошад, ки ба хавфҳои зиеёд дучор мешавад ва бинобар ин назорати катъӣ зарур аст;

- диссертант муқаррар кардааст, ки ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ дар доираи фаъолияти субъектҳои системаи нақлиёти ҳавоӣ омилҳои асосӣ инҳо мебошанд: сохтори ташкилии субъекти хоҷагидорӣ, тақсимоти ваколатҳо дар ташкилот, дараҷа ва сифати иштироки кормандон дар қабули қарорҳо ва сатҳи хавф, вақт ва муҳити тағйирёбанда, инчунин маҳдудиятҳои иттилоотӣ ва рафтори субъектҳои хаҷагидорӣ дар ин система;

- пайдоиши сегментҳои нав дар бозори авиатсия муайян карда шуд, ки боиси тағйирёбии ташкили ин соҳа ва роҳҳои пешбурди тиҷорат дар нақлиёти ҳавоӣ мегардад; тамоюлхои инкишофи он дар шароити ҷаҳонишавӣ ва гайра аниқ карда шуданд;

- асосҳои консептуалии таъсис ва такмили системаи иттилоотии идоракунии нақлиёти ҳавоӣ, системаи автоматикунонии ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот асоснок шуда, инструментҳои асосии ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот ва арзёбии фаъолияти субъектҳои системаи нақлиёти ҳавоӣ гурӯҳбандӣ карда шудааст;

- стратегияҳо оид ба такмили инструментҳои таҳлилӣ дар идоракунии фаъолияти тиҷоратии фурудгоҳҳо, яъне корхонаҳои авиатсияи граждани таҳия карда шудаанд. Ин стратегияҳо, усулҳо,

принсипҳо ва ҳадафҳои асосии банақшагирии стратегӣ дар соҳаи авиатсияи гражданиро дар бар мегиранд;

- бо дарназардошти аҳамияти рушди нақлиёти ҳавоӣ дар шароити гузариши стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди инноватсионӣ, зарурати истифодаи муносибати маҷмӯӣ дар ташаккули низоми стратегии идоракунии соҳаи нақлиёт асоснок карда шудааст. Дар доираи ин муносибат усулҳо, принсипҳо ва воситаҳо барои гузаронидани таҳлили стратегӣ дар сатҳҳои гуногун таҳия шудаанд.

Кори диссертационӣ аҳамияти муайяни амалӣ дорад. Тавсияҳои методӣ ва амалии пешниҳодшударо оид ба васеъ намудани нақлиёти ҳавоӣ метавонанд мақомотҳои дахлдори нақлиёти ҳавоӣ ва мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ татбиқ намоянд.

Коркардҳои назариявӣ ва методии таҳқиқотро дар раванди таълим аз рӯи фанҳои «Иқтисодиёти нақлиёти ҳавоӣ», «Логистика», «Технология, ташкил ва идоракунии ҳамлу нақли мусофирон», «Ташкил ва идоракунии соҳаҳои хизматрасонӣ» барои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодиет ва наклиет истифода бурдан мумкин аст.

**Тавсифи мухтасари мазмуни асосии диссертатсия.**

Коркарди нуктаҳои асосии диссертатсия ва заминаи мустаҳками назариявию эмпирикии таҳқикотро қайд кардан бамаврид аст. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 8-зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, аз 183 саҳифаи компютерӣ иборат буда, дорои 36-чадвал, 1-расм ва 24 формулаҳо иборат аст.

Дар муқаддима интихоби мавзӯъ, мубрамияти он, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, навгонии илмии таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот асоснок карда шуда, ҳадаф, вазифаҳо ва асосҳои назариявии таҳқиқот баен гардида, инчунин муқарраротҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд, таҳия карда шудаанд.

Дар боби якум «**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти идоракунии соҳаи наклиёти хавоӣ дар шароити муосир**» асоснок карда шудааст, ки нақлиёти ҳавоӣ системаи мураккаби идоракунӣ дорад.

Муаллиф, пеш аз хама, кайд мекунад, ки авиатсияи гражданӣ дар иқтисодиети миллӣ аҳамияти стратегӣ дошта, на танҳо вазифаҳои нақлиётиро иҷро мекунад, балки дар ҳалли як қатор вазифаҳои махсус низ иштирок мекунад. Таъкид мекунад, ки вазифаи асосии авиатсияи гражданӣ кашондани мусофирон, бор ва почта бо рохи ҳавоӣ, махсусан ба масофаҳои дур, аксар вакт байни минтақаҳо мебошад. Зикр мекунад, ки авиатсияи гражданӣ на танхо эҳтиёҷоти аҳолиро ва корхонаҳоро ба кашондани мусофиру бор қонеъ мегардонад, балки воситаҳои тезу самарабахши кашондани одамон ва борҳоро низ таъмин менамояд.

Минбаъд муаллиф бартарии рақобатии ин навъи нақлиётро нисбат ба дигарон таъкид намуда, хусусиятҳои техникию иқтисодиро нишон медиҳад.

Дар боби дуюми таҳқикот «**Арзёбии ҳолати идоракунии фаъолияти фурудгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми иттилоотии онҳо**» муаллиф мушкилоти марбут ба таҷдиди сохтори нақлиёти ҳавоӣ ва таъсири онро ба соҳа баррасӣ намудааст. Дар ин замина вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди низоми ҳамлу нақли мусофиркашонии ҳавоӣ таҳлил карда шуд. Вазифаҳои ҳамоҳангсозии дохилисоҳавӣ байни иштирокчиёни бозор низ омӯхта шуда, стратегияи рушди системаи нақлиёти ҳавоии мусофирбар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуд.

Муаллиф таъкид мекунад, ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талабот ба парвозҳои ҳавоӣ мунтазам меафзояд. Соҳаи нақлиёти хавоӣ азнавсозии ҷиддии техникӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани технологияи навтарини авиатсиониро фаъолона аз сар мегузаронад. Технологияҳои муосир низ барои оптимизатсияи равандҳои бизнес дар ин соҳа бомуваффақият истифода мешаванд. Таъсири умумии равандҳои

ҷаҳонишавӣ ба ҳамлу нақли ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ин соҳа натиҷаҳои мусбӣ меорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инфрасохтор ва сохтори таҷҳизот, техника ва ҳавопаймоҳо хеле сифатан азнавсозӣ карда шудаанд. Аммо, сарфи назар аз ин беҳбудиҳо, сатҳи рақобатпазирии хизматҳои нақлиёти ҳавоии маҳаллӣ бинобар бартарияти ширкатҳои ҳавопаймоии байналмилалӣ ба мушкилот дучор мешавад. Дар натиҷа, фаъолияти ширкатҳои ватанӣ тамоюли коҳишёбиро нишон медиҳад. Мусофирканонӣ бо нақлиети хавоӣ 72,3% кам шуд. Аз ин рӯ, масъалаи баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳои нақлиёти ҳавоии кишвар дар замони муосир аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Муаллиф рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Русия таҳлили муқоисавӣ анҷом додааст. Дар асоси таҳлил модели риезӣ барои тавсифи суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохили (ММД) дар кишварҳо тартиб дода шуд. Модели мазкур имкон дод, ки муодилаи регрессиониро ташкил шавад, ки вобастагии ММД-ро аз вақт тавсиф мекунад. Хусусияти ин модел коэффисиенти хеле баланди коррелятсия аз рӯи вақт мебошад, ки шаҳодат аз он мекунад, ки модел ба нишондиҳандаҳо мувофиқат мекунад ва метавонад барои таҳлил ва пешгӯии суръати афзоиши ММД дар оянда муфид бошад. Ҳисобҳо динамикаи мусбати рушди иқтисодии Тоҷикистонро дар муқоиса бо тамоми кишварҳои ҳамсоя, ба истисной Қазоқистон нишон медиҳанд. Ин маънои онро дорад, ки Тоҷикистон иқтисодиёти худро нисбат ба аксари кишварҳои минтақа бо суръат пеш мебарад.

Диссертант дар боби сеюм **«Самтҳои асосии такмили инструментҳои системаи иттилоотиву таҳлилии идоракунии соҳаи нақлиёти ҳавоии Тоҷикистон»** ба масъалаҳои истифодаи инструментҳои муосири таҳлили стратегӣ ва пешгӯии талабот ба ҳамлу нақли ҳавоӣ таваҷҷӯҳ кардааст.

Муаллифи таъкид мекунад, ки бо дарназардошти аҳамияти рушди системаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла нақлиёти ҳавоӣ, ба муносибати комплексӣ оид ба ташаккули системаи стратегии идоракунии нақлиёт аҳамияти калон додан лозим аст. Барои рушди бомуваффақияти инноватсионӣ ва гузаштан ба идоракунии стратегӣ дар ширкатҳои нақлиёти ҳавоӣ, бояд ба муносибати ҳамаҷониба оид ба ташкили системаи стратегии идоракунӣ дар ин соҳа таваҷҷӯҳ зоҳир карда шавад. Дар ин асос диссертант таснифи сатҳҳои идоракунии стратегиро пешниҳод мекунад.

**Мутобиқат ва ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсия бо бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмиии номзади илм дар самти омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**Хулоса ва эродҳо доир ба диссертатсияи баррасишаванд:**

Бо зикри шоистагии кори номзадии Давлатов Б.Ш., инчунин ҷудо намудани баъзе камбудӣ ва эродҳоро зарур аст:

1. Қисмати муқаддимаи диссертатсия бо асосноккунии аҳамияти рисола моҳияти таҳқиқотро пурра ошкор намекунад, ба маънидод ё таърифи мафҳумҳое, ки ҳангоми гузоштани масъалаҳо истифода шудаанд, шарҳи пурра дода нашудааст, ки фаҳмидани шароити ҳалли масъалаҳои диссертатсияро душвор мегардонад. Вазифаҳо хеле васеъ буда, бисёр ҷиҳатҳои идоракуниро дарбар мегиранд, умуман вазифаҳои ба миён гузошташударо мушаххас кардан лозим аст.

2. Дар асар барои таҳлили масъала ҳисобҳо, формулаҳо ва моделҳои зиёд оварда шудаанд, вале дақиқ ва татбиқ будани онҳоро ба шароити Тоҷикистон чӣ гуна арзёбӣ кардан мумкин аст?

3. Оид ба истифодабарии натиҷаҳои назариявии ба даст овардашуда, ҳисобҳо ва татбиқи моделҳо хулосаву тавсияҳои аник вуҷуд надоранд. Дар боби хулосаҳо дуруст мебуд, ки дар бораи натиҷаҳои назариявии таҳқиқот ва ҳисобҳои муаллиф тасаввуроти равшан дода шавад.

4. Боби сеюми диссертатсия «Самтҳои асосии такмили инструментҳои системаи иттилоотиву таҳлилии идоракунии соҳаи нақлиёти ҳавоии Тоҷикистон» ном дорад, аммо дар хулосаи диссертатсия хулосаҳои мушаххас оид ба таҳияи механизмҳои такмили низоми иттилоотиву таҳлилӣ, пешниҳоду тавсияҳои мушаххас оид ба такмили система вуҷуд надоранд.

Эродҳо ва камбудиҳои дар боло зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Давлатов Бахтовар Шумсуллоевичро коҳиш намедиҳад. Дар маҷмӯъ, мазмуни автореферат шаҳодат медиҳад, ки диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муаллифро дар пажӯҳишу ҳалли муаммоҳои илмии мавзӯи интихобшуда нишон медиҳад. рисолаи Давлатов Б.Ш. як таҳқиқоти мукаммал буда, роҳи ҳалли масъалаҳои мубрами замонро пешниҳод намуда, бо як равиши умумӣ муттаҳид гардида, имконияти таҳияи асосҳои назариявӣ ва амалии такмили инструментҳои иттилоотӣ ва таҳлилии системаи идоракунии нақлиёти ҳавоиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд. Мазмуну натиҷаҳои таҳқиқот ба ҳадафҳо ва вазифаҳои гузоштаи муаллиф мувофиқ мебошанд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя баровайда мешавад, ҷой гирифтааст.

Бинобар ин кори диссертатсионии муаллиф дар мавзӯи «Такмили инструментҳои иттилоотиву таҳлилии идоракунии нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи «Дар бораи додани унвонҳои

илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад ва муаллифи он Давлатов Бахтовар Шамсуллоевич аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ,** номзади илмиҳои иқтисодӣ,
муовини декан оид ба корҳои
таълимии факултети гумрук ва
ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Раҷабов Э.Д.

**Имзои Э.Д. Раҷабов- ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБССТ Ҷураев Ш. Н.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, х.Борбад, 48/5 Тел.: (+992 37) 234-88-02 (124) Email: dsx_ips@mail.ru www. iutet.tj